# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2024.**

Мусаллам аст, ки халқи тоҷик аз даврони қадим бо шахсиятҳои бузурги илму адаби хеш миёни ҷомеаи инсонӣ мақоми махсусро ба худ касб намудааст. Аммо, ин раванд дар марҳиллаи ташаккулёбии Тоҷикистон боз ҳам эҳё гардид. Соҳаи маълумоти олии касбӣ бо шахсиятҳои маъруфи худ ном бароварда, халқу давлат бо бисёре аз онҳо ифтихор дорад, ёди онҳоро пос медоранду фаъоияти касбии онҳоро намунаи ибрати ҷавонон қарор медиҳанд. Маҳз, дар ин замина муаллифи рисола ҳаёту фаъолият ва саҳми мондагори академик Мулло Эркаевро дар инкишофи илми таърих ва мактаби олӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич ҳамчун як манбаъи мукаммал ифодаи раванди таълиму тарбия ва марҳиллаи муайяни таърихи мактабҳои олии кишвар, махсусан, мактаби тарбияи касбӣ ва роҳнамои мутахассисон – омӯзгорони ҷавон аҳаммияти вижаро дорост.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳову навгониҳои илмӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев" унвон гирифта, аз чор зербоб иборат аст. Дар зербоби якум "Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ" диссертант замони зиннаҳои поёнии ҳаёти оилавӣ ва касбии Мулло Эркаевро мавриди инъикос, таҳлил ва баррасӣ қарор дода, раванди донишандӯзӣ ва ба фаъолияти педагогӣ машғул шудани ӯро гардиши муҳими вазъи сиёсӣ ва бо ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон зич алоқаманд медонад.

Диссертант таҳсил дар Донишкадаи маорифи тоҷик дар шаҳри Тошкандро барои Мулло Эркаев интихоби роҳи фардои касбии ӯ унвон намуда, фаъолият дар мактабу омӯзишгоҳҳо ва курсҳои кутоҳмуддати омӯзгорӣ ва хоҷагии кишлоқи шаҳру ноҳияҳои мухталифи Тоҷикстон мавриди баррасӣ қарор дода, онро саҳмгузори як мутаххасиси ҷавон дар сиёсати ниҳоят муҳим ва зарурии "маҳви бесаводӣ" дар роҳи сохтмони сотсиалистӣ ва мадании кишвар дар он давра номидааст.

Дар зербоби сеюми боби аввал "Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев" номгузорӣ шуда, муаллиф ба таҳлилу баррасии илмиву интиқодии чанде аз асарҳои академик М. Эркаев, махсусан, "Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон" пардохта, бо истифода аз манобеъ ва афкори муҳаққиқону олимони имрӯза андешаҳои комили хешро баён сохта

саҳми Мулло Эркаев дар таҳқиқи ин ҷанг нишон дода, асари ӯро то имрӯз комилтарин таҳқиқот доир ба масъалаи “ҳаракати босмачигарӣ” ва “ҷанги шаҳрвандӣ” номидааст.

Дар боби дуюм “Мактаби илмиву педагогии академик Мулло Эркаев” муаллиф дар асоси сарчашма, асарҳои таълиф намудаи олим, фикру андешаҳои мухталифи олимону таърихшиносоне, ки бевосита аз мактаби илмӣ,таълимиву тарбиявии академик Мулло Эркаев гузаштаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, саҳми ин олим ва устоди мактаби олиро дар ташаккули мактаби олӣ, махсусан, омоданамоии мутахассиони баландииxтисос ва дорои дараҷаҳои баланди илмӣ нишон додааст.

Дар банди хулосаи автореферат муҳаққиқ бардоштҳои мустақилонаи худро ҷамъбаст намудааст. Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, тибқи талаботи ҷории КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии асари мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Мақолоти нашрнамудаи диссертант, ки миқдори онҳо ҳашт адад аст, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷуъ, автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич кори баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи унвонҷӯ иҷро шудааст. Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе аз лағзишу норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар нашри ояндаи кор судманд хоҳад буд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар чаҳорчубаи талаботи рисолаи илмӣ таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих, дотсент,**
**Сардори раёсати илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода** **Мираксода Ф.Ю.**

**Имзои номзади илмҳои таърих,**
**дотсент -ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**

«1» 04 соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Муҳаммадиева 17/6. Тел.:(+99237) 232-50-03; 232-50-05
Почтаи электронӣ: dbzht@dbzht.tj